Ба шурои диссертатсионии **6D.KOA-016**-и
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба
номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146,
E-mail: olimov-1976@mail.ru,
rektortau31@mail.ru, www.tajagroun.tj)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, академики АМИТ, Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт ба диссертатсияи Ҳамдамзода Хурсанд Акбар дар мавзуи «Инкишофи консепсияи воридотивазкунонӣ дар соҳаи бозори маҳсулоти гӯшту шир: назария ва амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ, пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Ҳамдамзода Хурсанд Акбар дар мавзуи «Инкишофи консепсияи воридотивазкунонӣ дар соҳаи бозори маҳсулоти гӯшту шир: назария ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мувофиқат менамояд: 1. Назарияи муносибатҳои аграрӣ, аз ҷумла замин, об; рушди шакл ва муносибатҳои моликият дар кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои КАС; 2. Татбиқ ва рушди бозорҳои захиравӣ ва хӯроквории кишоварзӣ, методҳои ҳимояи онҳо; 3. Танзими давлатии кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои КАС; 9. Самаранокии фаъолияти корхонаҳо ва соҳаҳои КАС; 15. Рушди кооператсияи кишоварзӣ, аз ҷумла истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва қарздиҳӣ; 16. Масъалаҳои иқтисодии бунёд ва фаъолияти соҳибкории хурд ва миёна дар КАС ва маҳалли деҳот; 21. Бехатарии хӯроквории мамлакат, оқибатҳои бухрони ҷаҳонии хӯрокворӣ, ҷанбҳаҳои аграрии воридшавии Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС); 22. Рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ ва корхонаҳои агросаноатӣ; 34. Асосҳои ташкилию иқтисодии рушди корхонаҳои саноатии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ; 37. Сифат ва рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои (хоҷагиҳои) комплекси агросаноатӣ; 46. Проблемаҳои рақобатпазирии иқтисодиёти кишоварзӣ ва роҳҳои ҳалли он; 49. Ҳавасмандсозии фаъолияти сармоягузорӣ дар кластерҳои соҳаи чорводорӣ.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар шароити кунунии тағйирёбандаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва ноустувориҳои афзояндаи геополитикӣ, масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ ва коҳиш додани вобастагӣ аз воридоти маҳсулот барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти ҳаётан муҳим касб намудааст. Яке аз роҳҳои муассири ҳалли ин масъала татбиқи босамари стратегияи воридотивазкунӣ мебошад, ки ба рушди истеҳсолоти ватанӣ ва ҷойгузинии молҳои воридотӣ бо маҳсулоти рақобатпазири истеҳсоли маҳаллӣ равона шудааст.

Ин стратегия, махсусан дар бахши бозори маҳсулоти гӯшт ва шир, ки яке аз пояҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ ва беҳбуди сифати зиндагии аҳолӣ маҳсуб меёбад, нақши калидӣ мебозад. Таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хушсифат, дастрас аз ҷиҳати нарх, ва аз ҷиҳати экологӣ тоза на танҳо як вазифаи иҷтимоӣ, балки омили устувории иқтисодиву саломатии ҷомеа мебошад. Илова бар ин, рушди истеҳсолоти ватанӣ дар соҳаи мазкур метавонад ба тақвияти потенсиали содиротии кишвар, афзоиши даромади арзии он ва баланд бардоштани мавқеи Тоҷикистон дар бозорҳои минтақавӣ мусоидат намояд.

Дар шароити кунунӣ воридотивазкунӣ на танҳо воситаи кам кардани вобастагӣ аз бозорҳои хориҷӣ, балки унсури калидии таъмини устувории иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, дастгирии истеҳсолкунандагони маҳаллӣ ва ҳавасмандгардонии навовариҳо дар соҳа мебошад. Маҳз татбиқи пайгиронаи консепсияи мазкур метавонад ба коҳиши назарраси вобастагии кишвар аз маҳсулоти воридотӣ мусоидат намуда, заминаи устувор барои рушди дарозмуддат фароҳам оварад.

Ин раванд ба амалӣ гардидани ҳадафҳои стратегӣ, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (СМР-2030) пешбинӣ шудаанд, аз ҷумла таъмини амнияти озуқаворӣ, дастрасӣ ба маҳсулоти рақобатпазир ва баландсифат, инчунин рушди содирот, саҳми назаррас хоҳад гузошт. Дар ин замина, таҳқиқ ва такмили консепсияи воридотивазкунӣ дар бозори маҳсулоти гӯшт ва шир ҳамчун ҷавоби илмӣ ва амалии ба талаботи замон мутобиқ, аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ пайдо менамояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Аз таҳлили диссертатсия бармеояд, ки дар кори иҷрошуда як қатор навовариҳои илмӣ ба даст омадаанд, ки эътимоднокии онҳо бо истифодаи васеи усулҳои таҳқиқоти илмӣ

ва маводи назариявию амалӣ исбот гардидаанд. Муаллиф собит намудааст, ки натиҷаҳои илмии диссертатсияи тақризшаванда барои такмили назария, методология ва амалияи стратегияи воридотивазкунонии агросаноатӣ равона шудаанд. Аз ҷумла, чунин натиҷаҳои нав ба даст омадаанд:

- мафҳум ва моҳияти татбиқи консепсияи воридотивазкунӣ дар соҳаи кишоварзӣ дақиқ карда шуда, аҳамияти иқтисодии он ҳамчун сиёсати махсуси давлатӣ асоснок гардидааст. Ин сиёсат амнияти иқтисодӣ ва устувории соҳаро таъмин намуда, барои рушди инноватсионӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии ширкатҳои ватанӣ ва такмили механизми ташкиливу иқтисодии идоракунии субъектҳои иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад;

- дар асоси таҳқиқи амиқи парадигмаҳои рушди бахши кишоварзӣ, бо таваҷҷуҳ ба пешгирии воридоти маҳсулоти хориҷӣ ва пур кардани бозори дохилӣ, консепсияи воридотивазкунӣ ҳамчун модели калидии рушди бахш пешниҳод гардидааст;

- гурӯҳбандии принсипҳо, усулҳо, роҳҳо ва сохтори механизмҳои ташкиливу иқтисодии воридотивазкунӣ дар соҳаи маҳсулоти кишоварзӣ, бо тамаркуз ба ҳавасмандсозии рушди инноватсионӣ, ҷалби сармоягузорӣ, бартарафсозии маҳдудиятҳои инфрасохторӣ ва такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии рақобати озод, асоснок карда шудаанд;

- бо воситаи ҳавасмандсозии истеҳсолкунандагони ватанӣ роҳҳои амалигардонии стратегияи воридотивазкунӣ дар бозори маҳсулоти гӯшт ва шир асоснок гардида, самтҳои истифодаи он тасниф шудаанд. Натиҷабахшии ин стратегия баҳогузорӣ шуда, амсилаи риёзии дурнамои истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ ва ширӣ таҳия шудааст;

- механизми дастгирии давлатии рушди соҳибкории аграрии воридотивазкунанда таҳия гардида, самтҳои асосии инкишофи кластерҳои агросаноатӣ, ки ба воридотивазкунӣ нигаронида шудаанд, муайян шудаанд. Дар асоси таҳлил, амсилаи кластери маҳсулоти ширӣ пешниҳод шудааст;

- бо дарназардошти зарурати иштироки давлат ҳамчун танзимкунандаи нарх ва ҳимоякунандаи манфиатҳои истеҳсолкунандагон, ҷанбаҳои амалӣ ва роҳҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар ташаккули кластери саноати коркарди маҳсулоти ширӣ пешниҳод шудаанд;

- дар мисоли корхонаҳои саноати хӯрокворӣи вилояти Хатлони ҶТ лоиҳаи кластери коркарди маҳсулоти гӯштӣ пешниҳод гардида, инчунин ҷиҳатҳои беҳтарсозии равандҳои занҷирии арзиши иловашудаи маҳсулоти гӯштӣ дар шароити воридотивазкунӣ ҷиҳати таъмини суботи нархӣ ва аз байн

бурдани таъсири манфии омилҳои ғайрибозорӣ ба нархгузории маҳсулоти гӯштӣ кор карда баромада шудаанд;

- пешниҳодҳо дар самти вусъат бахшидан ба фаъолияти инноватсионӣ ва сармоягузории корхонаҳои хурду миёна ва афзалиятҳои дастгирии давлатии рушди соҳибкории хурду миёна дар соҳаи чорводорӣ дар шароити татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ асоснок гардидаанд;

- дар мисоли корхонаҳои парандапарварии водии Ҳисор ва хоҷагиҳои чорводории ширӣ, гӯштӣ ва гӯсфандпарварии вилояти Хатлон бо таваҷҷуҳ ба асосноknамоии техникӣ-иқтисодии лоиҳаҳои мазкур дар заминаи коҳиши воридоти маҳсулоти гӯштӣ ва ширӣ роҳҳои тақвияти ҳамгироии субъектҳои бозори минтақавии маҳсулоти гӯштӣ ва ширӣ дар шароити татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ пешниҳод гардидаанд;

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Хулосаҳо ва тавсияҳои баёнгардида дар диссертатсияи Ҳамдамзода Х.А. ба таҳлили амиқи назариявӣ ва таҷрибавии масъалаи воридотивазкунӣ дар соҳаи маҳсулоти гӯшт ва шир такя мекунанд. Эътимоднокии онҳо аз истифодаи маҷмӯи васеи манбаъҳои иттилоотӣ - аз ҷумла, санадҳои расмии давлатӣ, омори расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти ташкилотҳои байналмилалӣ ва маводи таҳқиқотии муассисаҳои илмӣ - бармеояд. Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф аз усулҳои муосири таҳлили иқтисодӣ, моделсозии математикӣ, усулҳои муқоисавӣ ва таҳлили системавӣ истифода кардааст, ки боиси асоснокии баланди хулосаҳо гардидааст.

Муаллиф на танҳо бо номбар кардани равишҳои назариявию методологии мавҷуда маҳдуд мешавад, балки таҳлили интиқодии онҳоро мегузаронад, ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи баҳодиҳиии воридотивазкуниро дар соҳаи кишоварзӣ ошкор мекунад, тафсирҳо ва такмилҳои худро пешниҳод менамояд. Муаллиф хулосаҳои возеҳ ва асоснокро дар бораи ҳолати имрӯзаи танзими бозори гӯшту шир дар зерматни татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ, тадбирҳои танзими давлатии бозори маҳсулоти гӯштӣ ва ширӣ дар шароити татбиқи консепсияи воридотивазкунӣ, ташаккули кластерҳои ба воридотивазкунӣ нигаронидашудаи агросаноатӣ баён намуда, мушкилот ва ихтилофоти асосиро муайян намуда, роҳҳои роҳҳои асосӣ ва механизмҳои воридотивазкуниро муайян месозад. Пешниҳодҳои таҳиякардаи муаллиф хусусияти мушаххас ва амалӣ доранд, ки ба ҳалли мушкилоти

татбиқи сиёсати воридотивазкунӣ дар бозори маҳсулоти гӯшту шир нигаронида шудаанд.

Асоснокии хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда дар диссертатсия, инчунин сатҳи баланди илмии онҳо шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф аз адабиёти илмии муосир ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷӣ татбиқи сиёсати воридотивазкунӣ дар бозори маҳсулоти гӯшту шир эҷодкорона ва интиқодӣ баҳра гирифтааст. Вазифаҳои гузошташуда дар кори диссертатсионӣ ва навгониҳои илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, хулоса ва пешниҳодҳо оид ба амалишавии натиҷаи таҳқиқот мутобиқат намуда, ҳама онҳо дар матни диссертатсия инъикоси худро пайдо намудааст.

Хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳо дар натиҷаи коркарди маълумоти аслӣ аз таҷрибаи фаъолияти корхонаҳои агросаноатии ҷумҳурӣ, аз ҷумла воҳидҳои истеҳсолӣ ва коркарди гӯшт ва шир дар вилоятҳои Хатлон ва Суғд, инчунин аз таҳлили таҷрибаи муваффақи воридотивазкунӣ дар кишварҳои хориҷӣ ҳосил гардидаанд. Истифодаи маълумоти бисёрсола ва таҳлили динамикаи нишондиҳандаҳо имкон дод, ки омилҳои асосии таъсиргузор муайян ва самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ пешниҳод шаванд. Татбиқи тавсияҳои диссертатсия дар амалия метавонад ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти ватанӣ, тақвияти рақобатпазирии маҳсулоти агросаноатӣ, рушди инфрасохтори бозорӣ ва коҳиши вобастагӣ аз маҳсулоти воридотӣ мусоидат намояд.

**Ҳачм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, панҷ боби матни асосӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёт иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 349 саҳифа оварда шуда, 37 ҷадвал ва 21 расмро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 332 номгӯй иборат аст.

**Дар муқадима** мубрамияти мавзуи тадқиқоти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, дараҷаи илмии мавзуи имлмӣ, объект ва субъекти кори диссертатсионӣ, навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои амалии кори илмӣ инъикос ёфтаанд.

**Дар боби якуми диссертатсия, ки «Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи консепсияи воридотивазкунӣ дар бахши кишоварзӣ»** - ро дар бар мегирад, ҷанбаҳои назариявии консепсияи воридотивазкунӣ дар бахши кишоварзӣ, парадигмаҳои асосии инкишофи иқтисодиёти КАС дар шароити кунунӣ ва таҷрибаи хориҷии татбиқи консепсияи воридотивазкунӣ дар бахши кишоварзӣ мавриди омӯзиш ва хулосабарорӣ қарор дода шудааст.

Муаллиф асосҳои илмии назариявӣ ва методологии воридотивазкунӣ дар бахши кишоварзиро мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор дода, аз таҷрибаи олимони хориҷию ватанӣ васеъ истифода намуда, қайд намдудааст, ки дар шароити кунунӣ яке аз роҳҳои муҳим ва афзалиятноки таъмини бехатарии озуқаворӣ ва расидан ба ҳадафҳои стратегии рушди инноватсионии кишвар татбиқи самараноки консепсияи воридотивазкунӣ ва ба ҳамин васила коҳиш додани вобастагӣ аз маҳсулоти воридотӣ ба ҳисоб меравад. Консепсияи воридотивазкунӣ ба унвони стратегияи мутобиқгардонии бахшҳои иқтисодиёти миллӣ ба талаботи фазои рақобатӣ шинохта шудааст, ки имкон медиҳад тавонмандии истеҳсолкунандагони ватаниро бо тадриҷ таҳким бахшида, сатҳи рақобатпазирии онҳоро боло бардорад (саҳ-18-19).

Муаллиф дар асоси омӯзиши фикру андешаҳои олимони зиёди иқтисодшинос ба хулосае меояд, ки «…мафҳуми воридтивазкуниро чун сиёсати ба илм асосёфта, барои танзими ҳиссаи воридот тавассути ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагони миллӣ ва кам кардани воридот бо истифода аз воситаҳои ҳимоятӣ» фаҳмидан лозим аст. Дар таърифи мазкур воридотивазкунӣ чун як шакли сиёсати давлатӣ таъриф мешавад, ки ба коҳиш додани ҳиссаи воридот тавассути воситаҳои пешгирӣ аз воридоти молҳои хориҷӣ равона шудааст» (саҳ 20-29).

Албатта, таърифи мазкур низ воқеияти амалӣ дорад ва намешавад онро инкор кард, зеро дар раванди воридотивазкунӣ дар бештари ҳолатҳо давлат ба унвони ҳомии истеҳсолкунандагони ватанӣ баромад менамояд.

Дар асоси назарияҳои классикӣ барои таҳлили асосҳои иқтисодии истеҳсолот, назарияҳои неокласикӣ барои таҳлили бозорҳо ва талабот ва назарияи ҷойгиркунии истеҳсолот барои ташхиси мавқеи оптималии истеҳсолот муҳиманд. Ҳамин тавр муаллиф ба хулосае меояд, ки ин назарияҳо метавонанд барои рушди устувори КАС дар шароити кунунӣ асос ёбанд (саҳ34-35).

Дар диссертатсия дуруст қайд гардидааст, ки ивазкунии воридот стратегияи иқтисодиест, ки ғояи асосии он иваз кардани молҳо ва хидматҳои воридотӣ ба молҳои ватанӣ бо мақсади дастгирии иқтисоди миллӣ ва коҳиш додани вобастагӣ аз таъминоти хориҷӣ мебошад. Ин равиш рушди саноати дохилӣ, кишоварзӣ ва дигар соҳаҳоеро дар бар мегирад, ки метавонанд молҳои воридотиро иваз кунанд. Ҳамин тариқ бахши кишоварзӣ аз нуқтаи назари истеҳсолот, таъсиси ҷойҳои корӣ ва амнияти озуқаворӣ кишварҳои ҷаҳонро водор сохт, ки ин бахшро бо роҳҳои гуногун дастгирӣ кунанд (саҳ 52).

Дар кори диссертатсионӣ таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дуру наздик, ба монанди ИМА, Ҳиндустон, Аргентина, Итолиё, Ҷумҳурии мардумии Чин, Олмон, Эрон, Индонезия ва ғайра дар самти воридотивазкунӣ дар бахши кишоварзӣ баррасӣ шуда, хулосабарорӣ гаштааст, ки корҳои зерин дар ҷумҳурии мо бояд амалӣ карда шаванд: «...воридотивазкунӣ дар бахши кишоварзӣ на танҳо барои кам кардани воридот, балки барои эҷоди занҷири арзиши иловашуда, тақвияти рақобатпазирӣ ва ҳамгирой бо иқтисоди ҷаҳонӣ муҳим аст. Татбиқи ин консепсия дар Тоҷикистон бояд ба шароити маҳаллӣ мутобиқ карда шавад ва бо дастгирии давлатӣ, инноватсия ва ҳамкории байналмилалӣ амалӣ гардад. Таҷрибаҳои давлатҳои хориҷӣ, аз қабили нусхабардорӣ, бояд бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои миллӣ ва имкониятҳои мавҷуда арзёбӣ шаванд, то аз хатоиҳо ҷилавгирӣ ва аз муваффақиятҳо дар ҳалли мушкилоти маҳаллӣ истифода барад» (саҳ 52-69).

**Боби дуюми кори диссертатсионӣ, ки «Равишҳои ташкиливу иқтисодии воридотивазкунӣ дар бахши кишоварзӣ»** - ро фаро мегирад ба омӯзиши таҳқиқи муҳтавои сохтории равишҳои ташкиливу иқтисодии воридотивазкунии маҳсулоти кишоварзӣ, механизмҳои танзими бозори гӯшту шир дар зерматни татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ, таснифоти усулҳои татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ бахшида шудааст.

Аз ҷониби муаллиф Стратегияи ивазкунии воридот дар бахши кишоварзӣ маънои коҳиш додани вобастагӣ аз воридоти маҳсулоти кишоварзӣ ва афзоиши истеҳсоли дохилиро барои қонеъ кардани ниёзҳои озуқаворӣ ва кишоварзии кишвар дорад. Ин стратегия ба таҳкими амнияти озуқаворӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, рушди деҳот ва коҳиши хуруҷи асъори хориҷӣ аз кишвар нигаронида шудааст.

Дар кори илмӣ қайд гардидааст, ки бо татбиқи ин стратегияҳо, кишвар метавонад вобастагии худро аз воридоти маҳсулоти кишоварзӣ коҳиш диҳад ва ба сӯи худтаъминкунӣ ва амнияти озуқаворӣ ҳаракат кунад. Ин на танҳо ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад, балки ҷойҳои корӣ фароҳам меорад ва шароити зиндагии деҳотро беҳтар мекунад (саҳ 79).

Инчунин дар диссертатсия қайд гардидааст, ки барои татбиқи бомуваффақияти стратегияи ивазкунии воридот дар маҷмааи агротехникӣ механизми таъмини ҳавасмандгардонии содирот зарур мебошад, аз ҷумла: баланд «...бардоштани фаъолияти сармоягузорӣ, диверсификатсияи воридот ва рушди истеҳсоли худӣ дар асоси манбаъҳои маҳаллии ашёи хом, сохтани занҷирҳои нави логистикӣ, навсозӣ ва навсозии заминаи техникӣ ва

технологӣ, рушди коркарди амиқи маҳсулоти кишоварзӣ ва афзоиши истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашуда» (саҳ 80).

Ба ақидаи муаллиф механизмҳои танзими бозори гӯшту шир дар зерматни татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ бояд бо мушкилоти экологии соҳаи чорводорӣ мубориза баранд. Мушкилоти экологӣ дар соҳаи чорводорӣ дар ҷаҳони муосир яке аз масъалаҳои ҷиддии иқтисодӣ ва экологӣ мебошанд. Чорводорӣ таъсири бузурге ба муҳити зист мегузорад, ки ин метавонад ба экосистемаҳо, обу ҳаво ва замин зарар расонад. Яке аз мушкилоти асосӣ исрофи об аст. Чорводорӣ обро ба таври васеъ истифода мекунад, махсусан барои обёрӣ ва парвариши ғаллаҳои чорво. Барои ҳалли ин мушкилот истифодаи технологияҳои обёрии самаранок ва системаҳои бозёбии об тавсия дода мешавад. Зарари ба замин расонда низ мушкили дигар аст. Чорводорӣ боиси фурӯпошии замин мегардад, хусусан дар минтақаҳое, ки чорво аз ҳад зиёд чарогоҳ карда мешавад (100-101).

Муаллиф қайд намудааст, ки бозори маҳсулоти гӯшт ва шир бо рақобати шадид, мураккабии равандҳои истеҳсолӣ ва вобастагии бузург аз технологияҳои воридотӣ, таҷҳизот ва ашёи хом хос аст. Дар робита ба ин, татбиқи стратегияи ивазкунии воридот дар ин соҳа муносибати ҳамаҷонибаро талаб мекунад, ки ҳам ҷанбаҳои иқтисодӣ ва ҳам технологиро ба назар мегирад. Таснифи усулҳои татбиқи ин стратегия имкон медиҳад, ки тадбирҳои ба рушди истеҳсолоти ватанӣ равонашуда, баланд бардоштани рақобатпазирии он ва коҳиш додани вобастагӣ аз таъминоти беруна ба низом дароварда шаванд. Стратегияҳои воридотивазкунӣ ба кишварҳо имконият медиҳанд, ки аз як тараф, маҳсулоти заруриро аз бозорҳои хориҷӣ таъмин кунанд ва аз тарафи дигар, маҳсулоти истеҳсолии худро ба бозорҳои байналмилалӣ содир намоянд. Дар бозори маҳсулоти гӯшт ва шир, ин стратегияҳо метавонанд ба таҳкими иқтисодиёт, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидат намоянд (103-104).

Дар ҷамбасти боби дуюми кори илмӣ муаллиф ба хулосае омадааст, ки дар шароити муосир бозори гӯшт ва шир ҳамчун соҳаи асосии иқтисодиёти кишоварзӣ барои таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди устувори иқтисодӣ аҳамияти калон дорад. Талаботи мизоҷон ба маҳсулоти босифат ва табиӣ афзоиш ёфтааст, ки истеҳсолкунандагонро ба истифодаи технологияҳои нав ва усулҳои экологӣ водор мекунад. Автоматизатсия, робототехника ва зироаткории дақиқ ба баланд бардоштани самаранокӣ, коҳиши хароҷот ва

таъмини сифати маҳсулот мусоидат менамоянд. Ташаккули занҷири арзишӣ аз истеҳсол то фурӯш барои кам кардани талафот ва пайвастагии бозор зарур аст, ки ин раванд бо идоракунии самараноки инфрасохтор, нақлиёт ва нигоҳдории маҳсулот алоқаманд аст (120-123).

**Дар боби сеюми кори диссертатсионӣ, ки «Таҳлили самаранокии татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ дар бозори маҳсулоти гӯшт ва шир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** - номгузорӣ шудааст, таҳлили вазъи ҷории бозори маҳсулоти гӯшт ва шир дар ҷумҳурӣ, тамоюлҳои рушди бозори маҳсулоти гӯшт ва шир, таҳлили самаранокии тадбирҳои танзими давлатии бозори маҳсулоти гӯштӣ ва ширӣ дар шароити татбиқи консепсияи воридотивазкунӣ таҳлил ва арзёбӣ шудааст.

Дар кори илмӣ қайд шудааст, ки ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2024 беш аз 73,0 миллиард сомониро ташкил дода, солона тақрибан 12,0 фоиз афзудааст, ки нисбат ба соли 2019 (39,0 миллиард сомонӣ) қариб 1,9 баробар зиёд мебошад. Дар айни замон, ҳиссаи хоҷагии аҳолӣ дар ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ қариб 48,0%, хоҷагиҳои деҳқонӣ 40,0% ва хоҷагиҳои ҷамъиятӣ тақрибан 12,0 фоизро ташкил медиҳад. Дар Тоҷикистон дар соли 2024 беш аз 1,8 млн. тонна ғалладона ҷамъоварӣ шудааст, ки аз он тақрибан 900 ҳазор тонна гандум, 246 ҳазор. т пахта, зиёда аз 1,2 млн. тонна картошка, зиёда аз 3,1 млн. тонна сабзавот, тақрибан 775 ҳазор тонна мева, 270 ҳазор тонна ангур ва ғайра дар маҷмуъ, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар тамоми соҳаҳои растанипарварӣ (ба ғайр аз пахтаи хом) қайд карда мешавад. Дар чорводорӣ афзоиши саршумори чорвои калон 4,4% (то зиёда аз 2,7 миллион сар) ва саршумори гӯсфанд ва буз 72% (беш аз 7,0 миллион сар) қайд карда шудааст» (саҳ129-130).

Дар диссертатсия дастгирии молиявии давлат барои комплекси агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин давра як нишондиҳандаи муҳим барои таваҷҷуҳи Ҳукумати кишвар ба ин соҳаи стратегӣ ва асосии иқтисоди кишвар мебошад. Бо дарназардошти аҳамияти кишоварзӣ ва агросаноатӣ дар таъмини амният, озуқаворӣ ва рушди устувори иқтисодӣ, Ҳукумати Тоҷикистон пайваста кӯшиш мекунад, ки имкониятҳои молиявӣ ва захираҳои мавҷударо ба рушди ин соҳа равона намояд. Ин дастгирӣ на танҳо барои таҳкими инфрасохтори кишоварзӣ ва беҳтар кардани ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ, балки барои такмили иқтидори агросаноатӣ, сохтмони корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва тақвияти рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ равона шудааст (ҷадвали

3.1.2). Таҳлил нишон медиҳад, ки давлат дар давоми солҳои 2018-2022 ба соҳаи агросаноатӣ маблағгузориҳои зиёдро ҷалб кардааст. Маблағгузориҳо барои дастгирии комплекси агросаноатӣ аз 35384,4 ҳазор сомонӣ дар соли 2018 ба 47832,0 ҳазор сомонӣ дар соли 2022 афзоиш ёфтааст, ки ин нишон медиҳад, маблағгузориҳо тақрибан 26,56% афзоиш ёфтаанд. Ин афзоиш метавонад ба таваҷҷуҳи давлат ба рушди соҳаи кишоварзӣ ва агросаноатӣ вобаста бошад (саҳ133-134).

Инчунин диссертант ба суръати афзоиш соҳаҳои растанипарварию чорводорӣ тадқиқот бурдааст, қайд гардиааст, ки ба суръати афзоиш дар соҳаҳои растанипарварию чорводорӣ мутаносибан 13,4 (50 млрд. 984,8 млн. сомонӣ) ва 4,8 (22 млрд. 991,8 млн. сомонӣ) фоизро ташкил додааст. Дар ин давра ҳиссаи хоҷагиҳои ҷамъиятӣ дар ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ 11,4 фоизро ташкил дода, ба хоҷагиҳои деҳқонӣ бошад, 38,2 фоизи ҳиссаи ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ рост омадааст. Дар ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ асосан ҳиссаи хоҷагиҳои аҳолӣ 50,4 фоизро ташкил медиҳад, ки ин нишондод дар хоҷагиҳои ВМКБ 65,1 фоиз, вилоятҳои Суғд 37,3 фоиз, Хатлон 57,1 фоиз ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 51,6 фоизро ташкил медиҳад. Нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм, ғалладонагиҳо 4,2 фоиз (гандум 2,4 фоиз), 10,4 фоиз картошка, 8,7 фоиз сабзавот, 13,4 фоиз полизӣ, 23,9 фоиз мевагиҳо (себ 22,3 фоиз ва зардолу 30,5 фоиз), ангур 1,5 баробар ва хӯроки чорво 2,0 фоиз зиёд шудааст (саҳ141-142).

Дар кори илмӣ қайд карда шудааст, ки дар робита ба хусусияти умумии бозори маҳсулоти гӯштӣ ва ширӣ, аз ҷумла ҳаҷми истеҳсол, истеъмол ва воридот/содирот, арзёбии вазъи кунунии соҳа, аз ҷумла бозигарони асосӣ ва ҳиссаи онҳо дар бозор, бояд гуфт, ки дар Тоҷикистон бозори маҳсулоти гӯштӣ ва ширӣ яке аз соҳаҳои муҳимми иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, ба таъмини талаботи аҳолӣ ба ғизои серғизо мусоидат мекунад. Истеҳсоли шир дар Тоҷикистон асосан ба чорводорӣ вобаста аст. Дар солҳои охир ҳаҷми истеҳсоли шир бо роҳи навсозии фермаҳо ва истифодаи технологияҳои муосир зиёд шудааст. Аммо сатҳи истеҳсол нисбат ба талаботи дохилӣ ҳанӯз кофӣ нест. Истеҳсоли гӯшт низ ба чорводорӣ вобаста аст. Дар солҳои охир ҳаҷми истеҳсол бо ташаббуси давлатӣ ва ҷалби сармоягузорон ба соҳаи чорводорӣ афзоиш ёфтааст. Аммо сатҳи истеҳсол нисбат ба талаботи аҳолӣ ҳанӯз пурра нест (ҷадвали 3.2.1).

Дар боби сеюми диссертатсия муаллиф ба хулосае омадааст, ки истеъмоли маҳсулоти асосии озуқаворӣ нисбат ба меъёрҳои тавсияшавандаи

физиологӣ паст аст. Масалан, истеъмоли гӯшт ва маҳсулоти ширӣ танҳо 2,1 кг ва 3,7 кг дар як нимсола мебошад, ки аз меъёрҳои 40,8 кг ва 115,3 кг хеле дур аст. Ин нишондиҳанда зарурати андешидани чораҳои иловагӣ барои баланд бардоштани дараҷаи таъминоти аҳолиро асоснок менамояд. Барои коҳиши вобастагӣ аз воридот ва рушди истеҳсоли дохилӣ зарур аст, ки сармоягузорӣ ба навсозии технологияҳо, таҳкими инфрасохтори логистикӣ ва дастгирии хоҷагиҳои хурду миёна равона шавад. Ҳамчунин, диверсификатсияи истеҳсолот, таҳияи стандартҳои сифатӣ ва ҷалби мутахассисони моҳир метавонанд ба баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти маҳаллӣ мусоидат намоянд. Ин равандҳо на танҳо амнияти озуқавориро таъмин мекунанд, балки ба рушди иқтисодӣ, эҷоди ҷойҳои корӣ ва беҳбудии зиндагии аҳолӣ низ мусоидат менамоянд (сах172-180).

**Боби чоруми кори диссертатсионӣ, «Механизмҳои ташкиливу иқтисодии татбиқи сиёсати воридотивазкунӣ дар бозори маҳсулоти гӯшту шир»** -ро дар бар гирифта ба омӯзиш ва механизми дастгирии давлатии рушди соҳибкории аграрии воридотивазкунанда, механизми ташаккули кластерҳои ба воридотивазкунӣ нигаронидашудаи агросаноатӣ дар бозори маҳсулоти гӯшт ва ши рва механизми ташкилӣ-иқтисодии амалигардонии шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ дар ташаккули кластери саноати ширӣ равона гардидааст ба таври илмӣ пешниход шудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба монанди бисёр кишварҳои дигар, аз воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла гӯшт ва маҳсулоти ширӣ вобастагӣ дорад.

Асосҳои консептуалии дастгирии давлатии соҳибкории ивазкунандаи воридот дар бозори гӯшт ва шир ба якчанд принсипҳо ва равишҳои асосӣ асос ёфтаанд, ки ба таҳкими соҳибихтиёрии иқтисодӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди устувори комплекси агросаноатӣ нигаронида шудаанд.

Ба ақидаи муаллиф рушди соҳибкории аграрӣ метавонад бо ҷорӣ намудани технологияҳо ва усулҳои нави пешбурди кишоварзӣ, инчунин беҳтар кардани инфрасохтор дастгирӣ карда шавад». Афзоиши сармоягузорӣ ба бахши аграрӣ ҳам аз ҷониби давлат ва ҳам бахши хусусӣ метавонад ба афзоиши истеҳсолот ва баланд бардоштани рақобатпазирии молҳои тоҷик дар бозорҳои байналмилалӣ мусоидат намояд. Инчунин рушди ҳамкории байни деҳқонон барои баланд бардоштани самаранокӣ ва кам кардани хароҷот муҳим аст.

Диссертант қайд кардааст, ки рушди соҳибкорӣ ва мушкилоти он дар Тоҷикистон аз ҷониби институтҳои байналхалқӣ арзёбии холисона мегардад.

Масалан, Тоҷикистон дар рейтинги Doing Business аз сабаби мушкилоти пешбурди тиҷорат, монеаҳои бюрократикӣ ва заминаи нокифояи меъёрию ҳуқуқӣ мавқеи пастро ишғол мекард. Бо вуҷуди ин, дар солҳои ахир кишвар барои беҳтар кардани мақоми худ дар рейтингҳо тадбирҳо андешида, ислоҳотро дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла бақайдгирии тиҷорат, андозбандӣ ва муносибатҳои тиҷоратии байналмилалӣ амалӣ кардааст. Беҳбудиҳои асосӣ бо содагардонии расмиёти бақайдгирии соҳибкорӣ ва пайвастшавӣ ба шабакаҳои барқӣ алоқаманд буданд. Бо вуҷуди пешрафт, Тоҷикистон бо як қатор мушкилот рӯ ба рӯ шуд, ки мавқеи кишварро дар рейтинг маҳдуд карданд (саҳ185-186).

Муаллиф дар кори илмии худ аз лоиҳаҳои сармоягузории вилояти Хатлон васеъ тадқиқот бурда қайд шудааст, ки ба лоиҳаи инвеститсионии «Такмили истеҳсол ва коркарди маҳсулоти гӯштӣ дар хоҷагии фермерии «Бохтар» бо ҷалби сармояи 40 млн. сомони аз соҳибкорони эронӣ имконияти рушди устувори ин хоҷагиро фароҳам меорад.

Ба ақидаи муаллиф кластеризатсияи саноати ширӣ инчунин рушди ҳамкории байни иштирокчиёни занҷираи арзиши ширро тарғиб мекунад, ки ин, ба вижа, барои минтақаҳои деҳот, ки дастрасӣ ба захираҳо ва бозорҳо дар он манотиқ маҳдуд аст, муҳим аст. Татбиқи равиши кластерӣ метавонад ба деҳқонон дар дастрасӣ ба технологияҳои муосир, беҳтар кардани сифати хӯрок, баланд бардоштани ҳосилнокии ҳайвонот ва ташкили системаи самараноки фурӯши маҳсулот кумак расонад. Ин, дар навбати худ, ба иваз кардани маҳсулоти ширии воридотӣ ва таҳкими амнияти озуқаворӣ кишвар мусоидат хоҳад кард (саҳ 213).

Дастгирии давлатӣ ба истеҳсолкунандагони маҳаллӣ имкон медиҳад, ки сифати маҳсулотро баланд бардошта, бо маҳсулоти воридотӣ рақобат кунанд ва бозорҳои хориҷиро кушоянд. Лоиҳаҳои мисли хоҷагиҳои фермерии «Бохтар» ва «Шири Хатлон» намунаҳои муваффақи ҷалби сармоя ва навсозии истеҳсолот мебошанд, ки ба коҳиши воридот ва эҷоди ҷойҳои корӣ мусоидат мекунанд. Механизмҳои ташаккули кластерҳои агросаноатӣ дар соҳаҳои истеҳсоли маҳсулоти гӯшт ва шири Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд. Кластерҳо ҳамчун шакли муассири ташкили истеҳсолӣ, муттаҳидсозии кӯшишҳои истеҳсолкунандагон, корхонаҳои коркард, ташкилотҳои илмӣ ва давлатӣ барои эҷоди синержия, навовариҳо ва васеъ кардани бозорҳо муҳим ҳисобида мешаванд (саҳ 236-238).

**Боби панҷуми диссертатсия ба «Самтҳои афзалиятноки татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ дар бозори маҳсулоти гӯшт ва шир»** бахшида шуда, дар ин боб муаллиф такмили равандҳои занҷири арзиши иловашудаи маҳсулоти гӯштӣ дар шароити воридотивазкунӣ, дастгирии давлатии рушди соҳибкории хурду миёна дар соҳаи чорводорӣ дар шароити татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ, рушди робитаҳои иқтисодии хориҷӣ дар соҳаи коркарди маҳсулоти гӯштӣ ва ширӣ пешниҳод намудааст.

Диссертант шарҳ додааст, ки бо мақсади таъмини гузариши мамлакат ба марҳалаи рушди саноатию аграрӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 ва Барнома оид ба фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷорӣ намудани таҷрибаҳои беҳтарини кишоварзӣ оид ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ (International Global G.A.P. Standard) таҳия ва қабул шудаанд. Истифодаи ҳамбастагиҳои сершумор барои таҳлили афзоиши истеҳсолоти кишоварзӣ вобаста ба динамикаи фондҳои асосии истеҳсолӣ, шумораи нафарони дорои шуғл, майдонҳои кишт ва таъмини нуриҳои маъданӣ имконият медиҳад, дараҷаи таъсири ҳар кадоми ин омилҳо муайян карда шавад»

Ба андешаи муаллиф бозори гӯшти гов дорои хусусиятҳои махсуси худ мебошад. Ба раванди занҷири арзиши иловашуда дар ин бозор якчанд омилҳо таъсир мерасонанд, ки байни онҳо омилҳои ҷуғрофӣ ва демографӣ нақши муҳимро мебозанд. Вақте ки амсилаҳо барои оптимизатсияи равандҳои занҷири арзиши иловашуда таҳия карда мешаванд, шароити статсионарӣ, ки бо муқоиса кардани маҷмуи омилҳои ҷуғрофӣ ва демографӣ асос ёфтааст, ба назар гирифта мешавад. Маъзарат барои камбуди ҳисоботи оморӣ наметавонад ба ҳамаи омилҳои таъсиррасон, ки дар шароити рақобати озод ба назар гирифта мешаванд, омодагӣ фароҳам оварад. Аз ин рӯ, таҳлил нишон медиҳад, ки дар шароити рақобати озод омилҳое, монанди «маҳсулоти ивазкунандаи гӯшти гов» (особан маҳсулоти воридотӣ), бо тағйирёбии нархи маҳсулоти тайёр бо гӯшти гов пайванд зиёд доранд.

Диссертант қайд кардааст, ки дар шароити монополия чандирии нархи гӯшт аз таъсири баъзе омилҳо, ки дар рақобати озод дар бозор муҳиммианд, хориҷ карда мешавад. Барои ҳамин, дар вақти таҳияи амсилаҳои оптимизатсия кардани равандҳои занҷири арзиши иловашудаи гӯшти гов таъсири баъзе

омилҳо, ки дар шароити рақобати озод нағз эҳсос мешаванд, ба назар гирифта намешавад.

Дар диссертатсия гуфта мешавад, талабот ба гӯшти гов дар кишвар ба таври анъанавӣ баланд боқӣ мемонад. Солҳои охир сатҳи даромади аҳолӣ вобаста ба буҳрони иқтисодӣ, пандемияи COVID-19 ва таҳримҳо нисбат ба Федератсияи Россия ҳамчун шарики асосии стратегии Тоҷикистон коҳиш ёфтааст. Чунин ба назар мерасад, ки ин ба сатҳи нархҳои маҳсулоти асосии истеъмолӣ таъсир мерасонад. Аммо нархҳо боз ҳам баландтар шуданд. Тибқи омори расмӣ, истеъмоли гӯшти гов дар ҷумҳурӣ чанд сол боз дар байни 11-14 кг ба ҳар сари аҳолӣ тағйир меёбад. Барои муқоиса, ин нишондиҳанда дар Аргентина ба ҳар сари аҳолӣ 37 кг, дар ИМА 25 кг, дар Қазоқистон 19 кг мебошад.

Ташаккули кластерҳо (иттиҳоди истеҳсолкунандагон, коркардгарон, бозорҳо) ва ҳамкории стратегии давлатӣ-хусусӣ метавонад занҷираи арзиши иловашударо оптимизатсия кунад. Ин раванд бояд дар асоси: Навсозии технологияҳо ва инфрасохтори логистикӣ; Таъсиси системаи шаффофи нархгузорӣ бо баҳисобгирии сифат ва талаботи бозор; Дастгирии молиявӣ барои коҳиши хароҷоти истеҳсолӣ ва ҷалби сармоягузорӣ; Таъмини ҳамкории мутақобилан судманд байни истеҳсолкунандагон ва миёнаравҳо; Татбиқи стандартҳои байналмилалӣ (мас., Global G.A.P.) барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ сурат гирад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои бадастомадаи диссертатсия дорои аҳамияти назарраси илмӣ мебошанд, зеро онҳо ба такмили назария ва методологияи татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ дар бахши кишоварзӣ ва бозори маҳсулоти гӯшт ва шир мусоидат мекунанд. Муаллиф мафҳум ва мазмуни консепсияи воридотивазкуниро бо назардошти хусусиятҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон амиқтар асоснок намуда, моделҳо ва механизмҳои нави ташкиливу иқтисодиро пешниҳод намудааст, ки метавонанд заминаи тадқиқоти минбаъда ва такмилёфта гарданд.

Аҳамияти амалӣ дар он аст, ки тавсияҳои пешниҳодшуда барои мақомоти давлатӣ, сохторҳои идоракунии соҳаи кишоварзӣ, корхонаҳои саноати коркарди маҳсулоти гӯшт ва шир, инчунин соҳибкорони хусусӣ ҳангоми таҳия ва татбиқи барномаҳои дастгирии истеҳсолоти ватанӣ истифода мешаванд. Моделҳои пешниҳодшудаи ташкили кластерҳои

агросаноатӣ ва занҷирҳои арзиши иловашуда метавонанд дар амал ҷиҳати баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатпазирӣ татбиқ гарданд.

Аҳамияти иқтисодӣ дар афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти дохилӣ, коҳиши вобастагӣ аз воридот, беҳсозии тавозуни савдо, ҳавасмандсозии сармоягузорӣ ва зиёдшавии даромадҳои буҷетӣ ифода меёбад. Ҳисобҳои иқтисодӣ ва моделҳои пешбинишуда дар диссертатсия имкон медиҳанд, ки самаранокии татбиқи сиёсати воридотивазкунӣ пешакӣ баҳогузорӣ шавад ва қарорҳои идоракунӣ бо камтарин хавф қабул гарданд.

Аҳамияти иҷтимоӣ дар беҳтар намудани таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти хушсифат, аз ҷиҳати экологӣ тоза ва дастрас, афзоиши шуғл дар деҳот ва коҳиши муҳоҷирати меҳнатӣ, баланд бардоштани сатҳи даромади аҳолӣ ва устувории иҷтимоӣ таҷассум меёбад. Илова бар ин, тақвияти бозори дохилӣ ва рушди истеҳсолоти ватанӣ ба болоравии эътимоди аҳолӣ нисбат ба сиёсати иқтисодии давлат мусоидат мекунад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯи маводи диссертатсия дар маҷмӯъ 37 кори илмӣ ба табъ расидааст. Аз ин шумора, 26 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, чоп гардидааст. Илова бар ин, як қатор мақолаҳо ва гузоришҳо дар маҷмӯаи мақолаҳои конфронсҳои илмӣ-амалӣ ва байналмилалӣ, маводи симпозиумҳо ва ҷамъомадҳои илмӣ нашр шудаанд, ки мавзуъ ва натиҷаҳои асосии тадқиқотро инъикос мекунанд. Ин нашрияҳо ҳудуди васеи масъалаҳои марбут ба консепсияи воридотивазкунӣ дар бахши кишоварзӣ, механизмҳои ташкиливу иқтисодии бозори маҳсулоти гӯшт ва шир, ташаккули кластерҳои агросаноатӣ, ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ, инчунин баҳогузории дурнамои коҳиши вобастагӣ аз воридотро фаро гирифта, ба муаррифии васеи натиҷаҳои илмӣ ва амалӣ мусоидат намудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Кори диссертатсионӣ ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илми муқарарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори 11 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, таҳти №295.) мутобиқ мебошад. Автореферати диссертатсия тибқи талаботи мақарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос мекунад ва дар он натиҷаҳои илмии асоснокгардида шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб оид ба шаклгирии диссертатсия.** Новобаста аз дастоварду навгониҳои назаррас, диссертатсияи тақризшаванда дорои баъзе камбудиҳои алоҳида ва ақидаҳои баҳсталаб мебошад, ки қайди баъзе аз онҳоро лозим мешуморем.

1.Дар боби якум кори илмӣ муаллиф фикру андешаҳои зиёди олимони ватанию хориҷиро мавриди омӯзиш ва арзёбӣ қарор додааст. Аммо на дар ҳама фикру андешаҳои пешниҳодҳои онҳо фикри муаллиф баён гаштааст.

2.Диссертант дар ҳама бобҳои диссертасия аз барномаҳо, стртатегияҳо ва консепсияҳои давлатӣ васеъ истифода бурда ва ба охир расидани муҳлати онҳоро ба инобат нагирифтааст.

3.Дар қисми назариявӣ ва методологии кори диссертасионӣ муаллиф ба мафҳумҳои воридотивазкунӣ, басодиротнигаронидашуда, ташаккул ва кластерҳо, занҷираи арзиши иловашуда, инфрасохтори логистикӣ, ивазкунии воридот, ҳамкории стратегии давлатӣ - хусусӣ, воридотивазкунии соҳаи кишоварзӣ ва ғайра такя намуда, онҳоро дар умумӣ шарҳ надодааст.

4.Дар боби сеюми кори илмӣ диссертант дар бисёр маврид ба таҳлил ва ҳисобҳо дар шакли оморӣ васеъ истифода намуда, дар фаъолияти бурунмарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон содирот ва воридоти маҳсулотҳои агроозуқаворӣ кам таваҷуҳ намдуааст. Агар дар маҷмуъ маҳсулоти воридотивазкунии соҳаи кишоварзӣ бо сомонӣ ё асъори хориҷӣ оварда мешуд ба фикри мо ин раванд ба кори илмӣ боз ҳам хубтар баҳои иловагӣ дода мешуд.

5.Дар Боби 3. диссертатсия саҳифаи 169 ҷадвали 3.3.3. - таносуби меъёрҳои тавсиявии физиологии истеъмоли маҳсулоти асосии озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳолати воқеӣ оварда шудааст. Агар худкифоягии озуқаворӣ вобаста ба сари аҳолӣ ва норасогии озуқаворӣ ба сари аҳолӣ дар ҷадвалӣ алоҳида пешниҳод мешуд ба натиҷаҳо ба дастовардаи таҳқиқот баҳои иловагӣ зам менамуд.

6. Агар муаллиф дар шакли ҷадвал дар якчанд корхонаи истеҳсоли гӯшт ва шир тадқиқотро мегузаронид пас маълум мегардид, ки сармоягузориҳо чи гуна ба баландшавии истеҳсолот ва самаранокии корхона таъсири мусбӣ мерасонад.

7. Ҷалби сармоя ба инфрасохтори истеҳсоли соҳаи кишоварзӣ азҷумла ба истеҳсоли гӯшт ва шир равона гардида, ташаккулёбӣ шакли агрокластерҳо дар минтақаҳо айни замон рузмара ва актуалӣ ҳисобида мешавад. Агар муаллиф ба ин раванд диққати хоса медод, ба андешаи мо масъалаҳои рушди инфрасохтори деҳот боз ҳам хубтару беҳтар ҳалли худро меёфт.

Эродҳои зикршуда характерӣ тавсиявӣ доранд, муаллиф метавонад дар оянда эродҳои мазкурро ба назар гирад ва дар таҳияи монографияҳои илмӣ истифода барад. Феълан нукоти баҳсталабе, ки зикрашон рафт, арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро коста намегардонанд.

**Хулосаи умумӣ.** Диссертатсияи Ҳамдамзода Хурсанд Акбар ба масъалаи муҳими илмӣ ва амалӣ - рушди консепсияи воридотивазкунӣ дар бахши

кишоварзӣ, махсусан дар бозори маҳсулоти гӯшт ва шир бахшида шудааст. Мавзуъ аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ мубрам буда, бо ҳадафҳои стратегӣ ва санадҳои меъёрии рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Стратегияи миллии рушд то соли 2030, ҳамоҳанг аст. Муаллиф дар таҳқиқоти худ тавонистааст як қатор навовариҳои илмиро асоснок намояд, ки дорои аҳамияти назариявӣ ва татбиқӣ мебошанд. Аз ҷумла, таҳлили муфассали таҷрибаи байналмилалӣ, таҳияи механизмҳои ташкиливу иқтисодии воридотивазкунӣ, пешниҳод намудани моделҳои кластерӣ ва арзёбии дурнамои бозори маҳсулоти гӯшт ва шир дар кишвар, инчунин таҳияи тавсияҳои амалӣ барои коҳиши вобастагӣ аз воридот. Кор дорои сатҳи баланди таҳлили назариявӣ, асосноккунии методологӣ ва ҳалли мушкилоти амалӣ мебошад. Натиҷаҳои илмии бадастомада метавонанд барои мақомоти давлатӣ, сохторҳои идоракунии бахши кишоварзӣ, соҳибкорони аграрӣ ва муҳаққиқони соҳа ҳамчун заминаи назариявию амалии таҳияи сиёсати воридотивазкунӣ ва ташаккули бозори устувори маҳсулоти гӯшт ва шир хизмат кунанд. Бо дарназардошти аҳамияти мавзӯъ, навоварии натиҷаҳои илмӣ ва арзиши амалӣ, диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ карда шудааст, мувофиқат намуда, муаллиф сазовори додани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтиоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ дониста мешавад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор, академики АМИТ,
Президенти Академияи миллии
Илмҳои Тоҷикистон Хушвахтзода Қ.Х.

Имзои Хушвахтзода Қ.Х.-ро тасдиқ менамоям:

Мудири шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси АМИТ Акрамзода Толиб

Суроға: 734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33,
Тел.: +992(37) 221 50 83; +992(37) 221 70 80.
Суроғаи электронии муассиса - e-mail: https://amit.tj/tj/.
Суроғаи электронии муқарризи расмӣ – kobil_barfiev@mail.ru.